Ф.И.ОЧИЛОВ, З.А.УМАРОВА

373
О-83

# ПЕДАГОГИКАИ ТАЪЛИМИ ИБТИДОӢ, ИННОВАТСИЯ ВА ИНТЕГРАТСИЯ



373
О-83

ВАЗОРАТИ ТАЪЛИМОТИ ОЛӢ, ФАН ВА ИННОВАТСИОНИИ ҶУМҲУРИИ ЎЗБЕКИСТОН

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ПЕДАГОГИИ ШАҲРИ ЧИРЧИҚ

Ф.И.ОЧИЛОВ, З.А.УМАРОВА

-14082/31-

# ПЕДАГОГИКАИ ТАЪЛИМИ ИБТИДОӢ, ИННОВАТСИЯ ВА ИНТЕГРАТСИЯ

(Китоби дарсӣ барои донишомӯзони бакалавриати 60110500 – «Таълими ибтидоӣ»)

«City of book»
Тошкент – 2023

O'ZBEKISTON RESPUBLIKASI OLIY TA'LIM, FAN VA INNOVATSIYALAR VAZIRLIGI
CHIRCHIQ DAVLAT PEDAGOGIKA UNIVERSITETI
AXBOROT RESURS MARKAZI
1-FILIALI

UOK-373;37.0
KBK-74.202.2;74.1
O-83
Очилов Ф.И., Умарова З.А. Педагогикаи таълимии ибтидоӣ, инноватсия ва интегратсия // Китоби дарсӣ. Тошкент. «City of book», 2023. – 200 саҳифа.

Дар ин китоби дарсӣ масъалаҳои педагогика, инноватсия ва интегратсияи таълими ибтидоӣ мавриди таҳлил қарор гирифта, он барои омӯзгорони оянда пешбинӣ шудааст. Китоби дарсӣ мувофиқи барномаи фанни «Педагогикаи таълими ибтидоӣ, инноватсия ва интегратсия» дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқии нав оид ба маориф таҳия шудааст, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон № ПФ-5847 8 октябр соли 2019 «Консепсияи рушд ба системаи маълумоти олии Ҷумҳурии Ӯзбекистон то соли 2030» дар асоси талабот ба вуҷуд оварда шудааст.

Китоби дарсӣ аввалин таҷриба дар ин мавзӯъ буда, интизори андеша, эрод ва пешниҳодҳои шумо дар ин бора ҳастем.

**МУҲАРРИРИ МАСЪУЛ:**
**Мардонов Шукурулло Қӯлдошевич** – доктори илмҳои педагогӣ, профессор.

**БАРРАСИКУНАНДАҲО:**
**Махкамов Улфат Илхамович** – доктори илмҳои педагогӣ, профессор.
**Самиев Асроридин Сайфидинович** – доктори илми фалсафаи фанҳои педагогӣ (PhD), дотсент.

Китоби дарсӣ тибқи фармони Вазорати таълимоти олӣ, фан ва инноватсионии Ҷумҳурии Ӯзбекистон № 314 аз 17 июли соли 2023 ва нашри нашриёхое, ки аз ҷониби Девони Вазирони Ҷумҳурии Ӯзбекистон иҷозатнома доранд, иҷозат дода шудааст.

ISBN 978-9910-9413-7-5

O'ZBEKISTON RESPUBLIKASI OLIY TA'LIM,
FAN VA INNOVATSIYALAR VAZIRLIGI
CHIRCHIQ DAVLAT PEDAGOGIKA UNIVERSITETI
AXBOROT RESURS MARKAZI

© Очилов ва б., .2023
©«City of book», 2023



## МУНДАРИҶА

| | | |
|---|---|---|
| | **МУҚАДДИМА** | **5** |
| **Модули 1.** | **Хусусиятҳои умумии «Педагогикаи таълими ибтидоӣ»** | **7** |
| Мавзӯи 1. | Мазмуни мафҳуми «Педагогикаи таълими ибтидоӣ» | 7 |
| Мавзӯи 2. | Методикаи педагогикаи таълими ибтидоӣ | 12 |
| Мавзӯи 3. | Қонунҳои умумии инкишофи шахсият ва андешаҳо дар бораи ташхиси он | 18 |
| Мавзӯи 4. | Таърихи педагогикаи таълими ибтидоӣ | 25 |
| Мавзӯи 5. | Раванди педагогӣ дар таълими ибтидоӣ | 30 |
| Мавзӯи 6. | Талаботи тахассусӣ ба муаллимони синфҳои ибтидоӣ | 42 |
| **Модули 2.** | **Дидактикаи таълими ибтидоӣ** | **54** |
| Мавзӯи 7. | Мазмуни «Дидактикаи таълими ибтидоӣ» | 54 |
| Мавзӯи 8. | Раванди таълим дар педагогикаи таҳсилоти ибтидоӣ | 60 |
| Мавзӯи 9. | Асосҳои таълим дар педагогикаи таҳсилоти ибтидоӣ | 65 |
| Мавзӯи 10. | Усулҳои ташкили таълими ибтидоӣ | 70 |
| Мавзӯи 11. | Дарс – ҳамчун шакли асосии таълими ибтидоӣ | 76 |
| Мавзӯи 12. | Санҷиш ва баҳодиҳии натиҷаҳои дониши азхудкардаи донишҷӯён | 81 |
| **Модули 3.** | **Назарияи тарбия дар таълими ибтидоӣ** | **87** |
| Мавзӯи 13. | Мазмуни принсипҳо ва усулҳои раванди тарбия | 87 |
| Мавзӯи 14. | Тарбия ҳамчун раванд дар таълими ибтидоӣ | 93 |
| Мавзӯи 15. | Асосҳои тарбияи миллӣ дар таълими ибтидоӣ | 98 |
| Мавзӯи 16. | Гуманизатсия ва демократикунонии раванди тарбия дар таълими ибтидоӣ | 105 |
| Мавзӯи 17. | Тамоюлҳои муосири раванди таълим дар таҳсилоти ибтидоӣ | 111 |
| **Модули 4.** | **Инноватсия дар таълими ибтидоӣ** | **117** |

Мавзӯи 18. Мазмуни инноватсия дар таълими ибтидоӣ ........... 117
Мавзӯи 19. Фаъолияти инноватсионии муаллимони синфҳои ибтидоӣ ........ 122
Мавзӯи 20. Системаи кредитӣ-модулии таълим дар таҳсилоти ибтидоӣ ........ 128
Мавзӯи 21. Ташкили раванди тарбия дар асоси низоми кредитӣ-модулӣ дар таҳсилоти ибтидоӣ ................ 136
Мавзӯи 22. Технологияи таълими фосилавӣ дар таҳсилоти ибтидоӣ ........ 141
Мавзӯи 23. Технологияҳои инноватсионии таҳсилоти ибтидоӣ дар кишварҳои пешрафта ........ 150
**Модули 5. Интегратсия дар таълими ибтидоӣ ..................... 155**
Мавзӯи 24. Моҳияти интегратсия дар таълими ибтидоӣ ........... 155
Мавзӯи 25. Дарсҳои интегратсионӣ дар таълими ибтидоӣ ....... 161
Мавзӯи 26. Усули кластерӣ дар таълими ибтидоӣ .................... 165
Мавзӯи 27. Усули «Мактаб-лабораторӣ» дар таълими ибтидоӣ ........ 170
Мавзӯи 28. Усули дарсҳои маҳорат дар таълими ибтидоӣ ........ 176
Мавзӯи 29. Таҷрибаи ташкили таълими ибтидоӣ дар асоси интегратсия дар мамлакатҳои тараққикарда ........... 180
Мавзӯи 30. Арзёбии интегратсионӣ самаранокии таълими ибтидоӣ ........ 184
Мавзӯъҳо ва супоришҳо барои омӯзиши мустақилона ........ 189
Луғат ........ 191
Адабиётҳои тавсияшуда ........ 196



# МУҚАДДИМА

Дар давраи Ренессанси сеюм, ки дар Ӯзбекистон барпо карда шуда истодааст, инкишоф додани таълими ибтидоӣ ва тавассути он ба камол расидани бачагони 7-11 сола вазифаи муҳим мебошад. Дар ин маврид Мурочиатномаи Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев дар Маҷлиси Олӣ (29 декабр соли 2020) вазифаҳои зерин алоҳида муайян карда шудаанд: *«Барои ба куллӣ баланд бардоштани сифати таълим, пеш аз ҳама, барномаҳои таълимӣ, дастурҳои методӣ барои омӯзгорону тренерон ба меъёрҳои пешрафтаи байналмилалӣ мутобиқ карда шаванд»*. Ба ин маъно, фанни «Педагогикаи таълими ибтидоӣ, инноватсия ва интегратсия», ки дар раванди таҳсилоти олии педагогӣ ба омӯзгорони оянда таълим дода мешавад, бояд аз ҷанбаҳои зерин такмил дода шавад:

– такмили барномаи таълимии фанҳои хониш дар асоси талаботи муосир;

– таҳияи китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимӣ барои донишҷӯёни хониш ва омӯзгорону тренерон оид ба фаъолияти амалии ҷавобгӯи стандартҳои байналмилалӣ;

– ғанӣ гардонидани раванди таълими ибтидоӣ бо коркардҳои инноватсионии педагогӣ.

Бо мақсади таъмини иҷрои ин вазифаҳо мо аз соли таҳсили 2020-2021 барномаи таълимии фанни «Педагогикаи таълими ибтидоӣ, инноватсия ва интегратсия»-ро такмил дода, асосҳои таълими онро навсозӣ намуда, китоби дарсии мазкурро таҳия намудем.

Таълифи китоби дарсӣ бо назардошти нақшаи корӣ дар асоси Барномаи намунавии «Педагогикаи таълими ибтидоӣ, инноватсия ва интегратсия» аз ҷониби Вазорати маорифи Ҷумҳурии Ӯзбекистон тасдиқ карда шудааст. Ин фан як қисми фанҳои тахассусии муаллимони оянда мебошад.

Мақсади фанни «Педагогикаи таълими ибтидоӣ, инноватсия ва интегратсия» таълим додани омӯзгорони оянда оид ба назария ва методологияи таълими ибтидоӣ, тарбия ва фаъолияти амалӣ мебошад. Вазифаҳои он аз инҳо иборатанд:

– додани дониш оид ба мазмуни педагогикаи таҳсилоти ибтидоӣ;

– омӯзиши талабҳои гузошташуда ба муаллимони синфҳои ибтидоӣ;

– фаҳмондани раванди педагогӣ дар таҳсилоти ибтидоӣ;

– фаҳмондани мӯҳтавои инноватсия дар таҳсилоти ибтидоӣ;

– ташаккули маҳорати омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар фаъолияти инноватсионӣ;

– додани дониш оид ба моҳияти интегратсияи таҳсилоти ибтидоӣ;

– додани тахассус оид ба масъалаҳои марбут ба интегратсия дар таҳсилоти ибтидоӣ.

Аз фанни «Педагогикаи таълими ибтидоӣ, инноватсия ва интегратсия» нисбат ба омӯзгорони оянда талаботҳои зерин гузошта мешаванд:

– дониши назариявии педагогикаи таҳсилоти ибтидоӣ дошта бошад;

– ба даст овардани малакаҳои навоварона дар таҳсилоти ибтидоӣ;

– ташаккули малакаҳо оид ба масъалаҳои интегратсия дар таҳсилоти ибтидоӣ;

– мусаллаҳ будан бо методикаи инфиродии таълим.

Ин таработро муаллимони оянда дар раванди таҳсилоти олии педагогӣ тавассути ҳамин фан аз худ мекунанд.

Фанни «Педагогикаи таълими ибтидоӣ, инноватсия ва интегратсия», ки дар курси таҳсилоти олии педагогӣ таълим дода мешавад, бо фанҳои «Педагогикаи умумӣ», «Назария ва таърихи педагогика», «Маҳорати педагогӣ», «Технологияҳои педагогӣ» алоқаи зич дорад. Дар баробари ин, ин фан объекти тадқиқотӣ, методологияи таълим ва асосҳои консептуалии худро дорад.

Китоби дарсии мазкур аз муқаддима, таҳлили 30 мавзӯъ, ки ба 5 модул тақсим шудааст, саволу супоришҳои мустаҳкамкунанда барои ҳар як мавзӯъ, дастурҳо барои омӯзиши мустақилона ва хониши тавсияшаванда иборат аст.



## Модули 1. Хусусиятҳои умумии «Педагогикаи таълими ибтидоӣ»

### Мавзӯи 1: Мазмуни мафҳуми «Педагогикаи таълими ибтидоӣ»

***Нақша:***

1. Мафҳуми «Педагогикаи таълими ибтидоӣ».
2. Мақсад ва вазифаҳои фанни «Педагогикаи таълими ибтидоӣ».
3. Алоқамандии фанни «Педагогикаи таълими ибтидоӣ» бо дигар фанҳо.

***Вожаҳои калидӣ:*** *ибтидоӣ, таҳсилот, педагогика, фаҳмиш, замонавӣ, дониш, малака, равиш, тафаккур, мафҳум.*

**Мафҳуми «Педагогикаи таълими ибтидоӣ».** Вазифаҳои асосии таҳсилоти ибтидоӣ дар Ӯзбекистон дар давраи Ренессанси сеюм аз инҳо иборатанд:

– инкишоф додани малакаҳои тафаккури таҳлилӣ ва эҷодии хонандагони синфҳои ибтидоӣ;

– такмили таҳсилоти ибтидоӣ дар асоси таҷрибаи пешқадами ҷаҳонӣ;

– ноил шудан ба самаранокии таълими ибтидоӣ.[1]

Ин вазифаҳо мазмуни фанни «Педагогикаи таълими ибтидоӣ, инноватсия ва интегратсия»-ро, ки дар раванди таҳсилоти олии педагогӣ таълим дода мешаванд, муайян мекунанд. Бинобарин, *мазмуни* фанни таълим додани донишҳои назариявӣ, малака ва маҳорати омӯзгорони оянда дар заминаи таҳсилоти ибтидоӣ, тарбия ва таълим мебошад. Дар ин ҷо баъзе чизҳоро бояд дар хотир нигоҳ дошт:

---

[1] Ўзбекистон Республикаси Президенти Шавкат Мирзиёевнинг Олий Мажлисга Мурожаатномаси. // “Халқ сўзи” газетаси. 2020 йил 30 декабрь сони.